Тасдик

# Н И З О М Н О М А И<br>ГУРӮҲИ ИДОРАКУНИИ<br>СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ДАР МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилот дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома ва Оинномаи муассисаи таълимӣ ва Низомномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

2. Гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилот дар асоси Низомномаи бахши идоракунии сифати таҳсилот (минбаъд-Низомномаи бахш) ва нақшаи кори солонаи худ, ки дар шӯрои олимон, тасдиқ карда шудааст, фаъолият менамояд.

3. Гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилот бо мақсади таъмини татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи маориф, иҷрои стандартҳои давлатии таҳсилот вобаста ба равияҳои таълимӣ, ихтисосҳои дар муассисаи таълимӣ амалкунанда ба ҷараёни таълиму тарбия, сатҳи сифати дониши хонандагон, омодакунии мутахассисон ва дигар паҳлӯҳои фаъолияти муассисаи таълимӣ баҳо медиҳад.

## 2. Вазифаҳои гурӯҳи идоракнии сифати таҳсилот

4. Бахши идоракунии сифати таҳсилот вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

-ташкили чорабиниҳо барои санҷиш ва баҳодиҳии сифати таҳсилот дар муассисаи таълимӣ;

-гузаронидани санҷиш ва таҳлили сифати таҳсилот вобаста ба фанҳои таълимӣ;

-баррасии масъалаҳои санҷидашуда ва манзури хулосаву пешниҳод вобаста ба натиҷаҳо дар шӯрои педагогӣ, ҷаласаҳои назди директор, шӯрои методӣ ва гузориш ба роҳбари таълимгоҳ;

-пешниҳод намудани гузориш, ҳисобот ва маълумотнома ба роҳбарияти муассисаи таълимӣ;

-дар ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои методлӣ тартиб додани маводи санҷишӣ дар шакли тестӣ, саволнома, диктант ва гузаронидани мониторинги сифати таҳсилот;

-иштирок ба дарсу машғулиятҳои омӯзгорон ҷиҳати баҳо додан ба дониши донишҷӯён ва фаъолияти омӯзгорон.

6. Дар ташкил намудани корҳои зерин иштирок менамоянд:

-гузаронидани конференсияву машварат ва семинарҳо оид ба масъалаҳои назорат, санҷиш ва баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот;

-гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ оид ба масъалаҳои санҷиш ва

баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот;

-ташкил додани махзани ягонаи маълумот дар бораи маводи имтиҳонӣ, аз ҷумла маводи санҷишӣ- меъёрӣ ва натиҷаи санҷиши сатҳи сифати дониши донишҷӯён;

- гузаронидани мониторинг тавассути пурсиши варақавӣ (анкета) дар байни хонандагон оид ба мавзуи «Омӯзгор аз нигоҳи хонанда»;

- гузаронидани санҷиш ва назорати сифати таҳсил дар синфҳо;

- гузаронидани санҷиши назоратӣ оид ба иҷрои нақшаҳои корӣ ва нақшаҳои дарси кушод дар иттиҳодияҳои методӣ.

## 3. Ҳуқуқҳои гурӯҳ

7. Гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилот барои амалӣ намудани вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда ҳуқуқ дорад:

-барои иҷрои вазифаҳое, ки ба салоҳияти гурӯҳ мансубанд, мавод ва ҳуҷҷатҳои заруриро дархост ва талаб намояд;

-бо супориши роҳбарият, аз ҷумла роҳбарияти муассисаи таълимӣ раванди таълиму тарбияро назорат ва мониторинг намояд;

-ба роҳбарияти муассисаи таълимӣ оид ба ҳалли масъалаҳое, ки ба салоҳияти гурӯҳ дохил мешаванд, таклифу пешниҳод манзур созад;

-сифати таълимро дар муассисаи таълимӣ мунтазам назорат намояд;

-дар ҳолати ошкор намудани қонунвайронкуниҳо, суистифода аз мансаб, бемасъулиятӣ аз ҷониби масъулин, омӯзгорон ва кормандон нисбати онҳо оид ба додани муҷозоти интизомӣ ва дигар намуди он ба роҳбарият таклиф пешниҳод намояд;

-рафти иҷрои қонуну қарорҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маорифро назорат намояд.

## 4. Ташкили фаъолият

8. Гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилот ҷузъи сохтории муассисаи таълимӣ буда, аз роҳбар ва аъзоён иборат аст.

9. Роҳбари гурӯҳ ва аъзоёни гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилотро директори муассисаи таълимӣ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

10. Роҳбари гурӯҳ барои иҷрои вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда масъул мебошад:

- роҳбари гурӯҳ вазифаҳои хизматии кормандонро таҳия ва барои тасдиқ ба роҳбари муассисаи таълимӣ пешниҳод менамояд;

- роҳбари гурӯҳ барои иҷрои сифатноки вазифаҳои хизматии кормандон ҷавобгар буда, фаъолияти аъзоёнро баҳогузорӣ менамояд;

11. Гурӯҳ ва аъзоёни он бевосита ба директори муассиса ҳисоботдиҳанда мебошанд.

12. Барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи гурӯҳ гузошташуда ва дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф масъул мебошад.

Тасдик